# Тақриз

**ба фишурдаи рисолаи номзадии Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович “Аносири жанрҳои публисистӣ дар рӯзномаи “Бухорои шариф” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.10.10.-Рӯзноманигорӣ**

Рӯзномаи “Бухорои шариф” ба ҳайси нахустин нашрияи расмӣ ба забони тоҷикӣ дар даҳсолаҳои аввали садаи ХХ ба минбари асосии равшанфикрон табдил ёфта буд. Ғайр аз ин, муҳимтарин воқеаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии рузгори халқи тоҷик дар ибтидои ин қарни сарнавиштсоз маҳз дар саҳафоти ҳамин нахустрӯзномаи тоҷикӣ сабту забт гардида аст. Ҳамаи ин рисолати рӯзномаи мазкур дар замони мо аҳамияти таърихию сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангии “Бухорои шариф”-ро ба маротиб меафзояд. Омӯзиш ва таҳқиқи пурдомоною дарогири ин падидаи нодири журналистикаи тоҷик аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи муҳаққиқони таърихи матбуот мебошад.

Таълиф ва ба ҳимоя пешниҳод гардидани рисолаи номзадии М. Атоевро дар масири таҳқиқи мақом, рисолат ва нақшу ҷойгоҳи рӯзномаи “Бухорои шариф” дар ҳаёти сиёсию фарҳангии ибтидои асри ХХ метавон ба ҳайси иқдоми шоиста арзёбӣ намуд. Бояд гуфт ки таҳқиқи фарогири илмии падидаҳои сиёсию фарҳангие мисли рӯзномаи “Бухорои шариф” на танҳо барои шинохти воқеии таърихи матбуот ва наҳзатҳои равшангарии миллӣ муҳиманд, балки натоиҷи ин қабил таҳқиқотҳои муҳим барои тақвияти худшиносию худогоҳии миллии наслҳои ҷавони имрӯз ҳам мусоидат менамояд. М. Атоев ин нуктаҳоро дар муқаддимаи рисола таъкид намуда, муҳимияти мавзӯъ, навгонии таҳқиқ, сарчашма ва усулу равишҳои пажуҳишии худро мушаххас зикр менамояд. Дар боби аввали рисола, ки аз се фасл иборат аст заминаҳои сиёсӣ, таърихӣ ва иҷтимоию фарҳангии рӯзномаи “Бухорои шариф” баррасӣ мегардад. Муҳақиқ таъкид менамояд, ки рӯзнома дар шароити хеле мураккаби сиёсӣ ба майдон омад. Мухолифони нашри “Бухорои шариф” зуҳури рӯзномаи тоҷикиро дар Осиёи Миёна ба ҳаракатҳои инқилобию озодихоҳии Руссия, Туркия ва Эрон рабт медоданд. Ба ҳамин хотир муқобилони нашри он дар Бухоро зиёд буданд. Сарфи назар аз ин мушкилию монеаҳои мавҷуда пайдоиши матбуоти озод дар он солҳо як амри табиӣ ва қонунманд маҳсуб меёфт.

Дар фасли дуюми боби якуми рисола муҳақиқ масъалаи таъсиси рӯзнома ва хасоиси сохтории онро ба таҳқиқ мегирад. Бояд гуфт ки қаблан Мирзо Муҳиддин Мансурзода ва Мирзо Сироҷи Ҳаким барин мунавварфикрони Бухоро чунин кӯшишҳо намуда буданд. Ва онҳо баъдан

дар таъсис ва нашру интишори “Бухорои шариф” фаъолона ширкат намуданд.

Дар рисола мақому ҷойгоҳи ин рӯзнома дар ҳаёти маънавии мардуми Бухоро мушаххас баррасӣ мегардад. Таъкид мешавад, ки нашри рӯзнома ба забони тоҷикӣ барои мардуми Бухоро ва атрофи он дар ҳамон замон яке аз омилҳои шинохти миллӣ, дифоъ аз ҳуқуқҳои таърихии халқ ва минбари таблиғи арзишҳои фарҳангӣ ва адабӣ буд. Муассисони рӯзнома яке аз публисистони варзида Мирзо Ҷалол Юсуфзодаро аз Боку барои иҷрои вазифаи сардабирии “Бухорои шариф” даъват намуданд. 11 марти соли 1912 шумораи нахустини рӯзнома ба нашр расида, дастраси хонандагон гардид. Шумораҳои нахустини рӯзнома, чунон ки дар рисола ишора мешавад, бо банду басти мавод, саҳифаҳои муҷалло, рубрикаю сарлавҳаҳои чашгиру пурмуҳтаво мардумро ба мутолиа ҷалб мекард. Муҳтавои хабару мақолаҳои он аслан иборат аз андешаҳои ислоҳотхоҳию таҷаддудгароӣ, тарғиби маорифу савод ва донишҳои муосир иборат буд.

Дар боби дуюми рисола ва зерфаслҳои он масъалаи нақши “Бухорои шариф” дар ташаккули журналистикаи тоҷик ва анвои жанрии он таҳқиқ мешавад. Муҳақиқ дуруст муайян менамояд, ки жанрҳои рӯзнома, бештар жанрҳои хабарӣ буданд. Аз ҷумла, тибқи оморгирии муҳақиқ дар шумораи аввалини рӯзнома 23 мавод дар қолаби жанрҳои хабарӣ ба нашр мерасиданд, ки онҳо дар маҷмӯъ дар ташаккули анвои жанрии журналистикаи тоҷик нақши муҳим гузоштанд.

М. Атоев таъкид мекунад, ки аносири жанрҳои публисистикаи адабии тоҷик маҳз дар саҳифаҳои рӯзномаи “Бухорои шариф” шакл гирифт. Воқеан, дар он солҳо лавҳаҳои адабӣ, таълифоти ҳуҷҷатӣ, ашъори публисистӣ ва ғайра пайваста дар саҳифаҳои рӯзнома ба нашр мерасиданд. Дар ин осор андешаҳои пешқадами замон аз тарафи равшанфикрон ва махсусан, тавассути навиштаҳои муаллифони доимии рӯзнома ба нашр мерасиданд.

Ба таври куллӣ рисолаи М. Атоев дар таҳқиқи таърихи матбуоти тоҷик хосса муайяну мушаххас намудани мақоми нахустин рӯзномаи тоҷикӣ “Бухорои шариф” дар инкишофи журналистика ва публисистикаи миллӣ дар оғози садаи XX саҳифаи тоза мебошад. Дар баробари дастовардҳои мазкур дар рисола баъзе камбудиҳо низ ба назар расиданд, ки зикри онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд:

1. Дар боби аввали рисола омилҳои сиёсии қатъи нашри рӯзномаро ба таври дақиқтар ва мушаххастар бояд баён намуд.

2. Дар боби дуюми рисола ба саҳму нақши муаллифони доимии рӯзнома, аз ҷумла, равшанфикрони ҳамондавра дар нашри он камтар аҳамият дода шуда аст.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши тадқиқоти мазкурро кам намесозанд. Рисолаи М. Атоев тадқиқоти комилу анҷомёфтаи илмӣ буда, муаллиф сазовори дарёфти унвони номзади илми филология мебошад.

**Ректори ДДОТ ба номи С.Айнӣ,**
**доктори илми таърих, профессор** **Ғаффорӣ Н. У.**

**Мудири кафедраи назария ва**
**таърихи адабиёти Донишгоҳи**
**давлатии омӯзгории Тоҷикистон**
**ба номи Садриддин Айнӣ,**
**доктори илмҳои филологӣ, профессор** **Солеҳов Ш.**

**Имзои Н. У. Ғаффорӣ ва Ш.Солеҳовро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳои**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории**
**Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ** **Назаров Д.**